Абдусаттори Раҳмон

# ТАВБА

Мел тоҷ2
Р-47

**АБДУСАТТОРИ РАҲМОН**

# ТАВБА

**(Шеърҳои ҳаҷвӣ)**

Душанбе
«Маориф ва фарҳавнг»
2009

ББК 82 - 3 тоҷик - 6+84 тоҷик 7-4
Р - 47

Муҳаррир: Мубашшир Акбарзод

Р - 47. Абдусаттори Раҳмон. Тавба. Душанбе, «Маориф ва фарҳанг» (шеърҳои ҳаҷвӣ), 2009, 24 саҳ.

Китобхонаи [illegible]
Ҷумҳурии [illegible] ба номи
М. [illegible]
14130

ISBN - 978-99947-58-87-6 © «Маориф ва фарҳанг» 2009 с.

## Дилозор

Заррина зарринмӯй аст,
Заррина кулчарӯй аст.
Чашмони шаҳло дорад,
Кокули тилло дорад.
Духтараки зебо ӯ,
Аммо тани танҳо ӯ.
Кас агар дилозор аст,
Ҳуснаш ба кӣ даркор аст?

## Якрав

Поён фуро, Мадина!
Меафтӣ ту аз зина!
Поёнро бин, чи ранг аст,
Ҳама сафолу санг аст.
- Не, не намефуроям,
Болотар мебароям.
Афтам, ако, махӯр ғам,
Гиря мекунам худам.

## Сабаб

- Оча, гӯшам мехорад,
Барфу борон меборад.
- Чӣ мегӣ, Асоҷон,
Ҳоло фасли тобистон!
Гарчи гӯшат мехорад,
Барфу борон наборад,
- Барфу борон наборад,
Пас, баҳри чӣ мехорад?
- Ҳар кӣ шустушӯи гӯш
Агар кунад фаромӯш,
Гӯшаш сад рӯз ҳам хорад,
Барфу борон наборад.

## Баҳси акаву додар

- Расми маро кашидӣ?
Эҳ, чи зебо кашидӣ!
- Расми туро кашидам,
Аммо хато кашидам,
Зеро рӯи ту чиркин,
Ана, дар оина бин!

- Ҳоло рӯямро шӯям,
Чун расми ту хушрӯям.
- Рӯятро шӯй агар,
Боз мекашам хушрӯтар.

## Бахил

Аҳад бахил аст,
Беҳад бахил аст.
Ағар бихонӣ,
Аъло бидонӣ,
Рӯятро Аҳад
Дидан нахоҳад.
Агар бикӯшӣ,
Тоза бипӯшӣ,
Аҳад шавад зиқ,
Беҳад шавад зиқ.
Ба ину ба он,
Ба хурду калон,
Ба ҷӯраҳояш,
Ака, укояш
Аҳад бахил аст,
Беҳад бахил аст.

# Чаро чунин шуд?

Сар докапечу
Лабаш дарида,
Гӯши чапи ӯ
Ҳамчу рафида.

Бинӣ чу сабзӣ,
Дасташ ба гардан.
Чаро чунин шуд,
Аҳволи Равшан?

- Чаро чунин шуд?-
Шояд бидонӣ.
Надонӣ агар,
Бояд бидонӣ:

Аз роҳи мошин
Бозикунон ӯ
Бигзашту охир
Бишуд чунон ӯ ...

Сиҳат наояд
Аз лабаки об,
Кӯзача доим
Ҷонакам, Ваҳҳоб.

# Ҳасрати китоб

Ҳастам аҷаб китобе,
Китоби хубу бобе.
Дорам ба ҳар саҳифа
Ман ганҷи беҳисобе.
Афтодаам, сад афсӯс,
Ба дасти беодобе.
Даронда авроқамро,
Карда ҳолам харобе.
Ман мекунам илтиҷо,
На амру на хитобе:
Кунед охир халосам
Аз ин ранҷу азобе.
Беҳтар аз ин набошад,
Дигар кори савобе.

## Лақабчӣ

Эй Амони лақабчӣ,
То кай монӣ лақабчӣ?
Якеро «Ар – ар» гӯй,
Якеро «Занбар» гӯй.
Якеро «Яхмос» гӯй,
Якеро «Алмос» гӯй.
Якеро «Манту» гӯй,
Якеро «Каду» гӯй.
Якеро «Қайчӣ» гӯй,
Ҳар киро ҳар чи гӯй.
Амон, бо ин рафторат,
Чандон бо ин рафторат
Худро ба пеши мардум
Кардаӣ чун лақаб шум.

## Тавба

Дар пушти девор –
Дар ҷои танге.
Дина бегаҳ шуд
Ҳай сумкачанге.

Аз ду тараф мо
«Ура» - бигуфтем.
Бар сару бар тан
Бо сумка куфтем.

Гӯё дар он чо
Шуд рӯзи маҳшар.
Ба зери по шуд
Китобу дафтар.

Як мӯсафеде
Ба мо садо кард.
Ӯ бо маломат
Моро ҷудо кард:

Ба зери дандон
Бинҳода ӯ лаб.
Гуфто ба афсус:
«Сад ҳайфи мактаб!

Эй беадабҳо,
О, ин чи корест?!
Агар чунин аст,
Оянда хорист...»

... Оянда хорист?!
Кӣ мешавад хор?
Мо?- Тавба кардем,
Бобоҷон, сад бор!

## Қимоб

Вафо аз угро қимоб,
Сафо аз ҳалво қимоб.
Сафар аз дафтар қимоб,
Зафар аз кафтар қимоб
Асо аз дору қимоб
Шаҳло аз ору қимоб ...
Ба монанди дигарҳо
Ман ҳам қимобам, аммо
На аз ину он қимоб,
Ман аз қимобон қимоб.

## «Зӯр»

- Як лаҳзае шин, Одил,
Ба зӯриям шав қоил.
Бубин, ки бо як дастам
Ман партаро шикастам.
Агар занам ду – се бор,
Мегардад дару девор ...
- Ҳай, ҳай, магар ин зӯрист ?!-
Не, не, Асо, зӯрӣ нест.
Фақат ин беодобист,
Оқибаташ харобист.

# Кӣ паст?

Додоҷони ман сардор,
Додои ту бинокор.
Акоям садри бозор,
Акои ту омӯзгор.
Тағоҷони ман вазир,
Аз они ту бригадир.
Онаҷонам савдогар,
Онаҷони ту чевар.
Агарчи ту пурдонӣ,
Хубу аъло мехонӣ.
Сафо, дигар чӣ ҳастӣ?!
Тамоман аз ман пастӣ.

# Оворагард

Поёну боло рафтам,
То ба куҷоҳо рафтам.
Аз кӯчаҳо гузаштам,
Аз ҷӯчаҳо гузаштам.
Гоҳе як ҷо нишастам,
Гоҳе аз ҷо биҷастам.
Раста ба раста гаштам,
Лакоту хаста гаштам.
Аммо чизе наёфтам,
О, ман чӣ ҳам мекофтам?!

# Ҳангома

Акнун ба чордаҳ
Қадам гузорам.
«Таёта» - и нав
Дар ихтиёрам.

Сар то ба поям
Либосам аъло.
Дар гардани ман
Занҷири тилло.

Бошад маишат
Ҳамеша корам.
Аз дарсу мактаб
Парво надорам.

Худро надиҳам
Беҳуда озор.
Хондан бароям
Бигӯ, чӣ даркор ?!

Пуле, ки дорад
Додои банда,
Ба ҳафт пуштам
Бошад басанда.

## Шукрона

\- Сачоқи тозаву нав
Чиркин чаро шуд даррав?!
\- Хоҳаракам, бесабаб,
Аз ин машав дар ғазаб.
Бикун аз ин шукрона:
Ин саҳар бебаҳона
Баъд аз се рӯзи расо
Рӯяшро бишуст Асо!

## Ҳайф

Мӯи Вафоҷон
Занад ялаққос.
Зебанда бар тан
Дорад ӯ либос.

Аммо ба парта
Бо ӯ нишинӣ,
Дасти ӯ бошад
Доим ба бинӣ.

Ояд бӯи нос
Аз бадани ӯ.
Ба он зебу фар
Ояд ҳайфи ту.

## Айби кӣ?

Ду чашму абрӯ
Ҳай, ҳай, чӣ хушрӯ!
Хушрӯ лабон хам,
Сафи мижгон ҳам.
Хоҳад кунад кас
Нигаҳ бо ҳавас.
Лек айби бинӣ,
Айби бинӣ не ...
Бошад айби дӯст,
Бале, айби ӯст.
Соҳиби бинист
Пас, айби ӯ нест ?

## Дуруғгӯй

Дина аз по афтондам
Султони паҳлавонро,
Аз ин корам дар ҷое
Накушодам даҳонро.
Медонам, ки ба ин гап
Касе надорад бовар,
Зеро Амондуруғгӯй
Ҳам шоҳид буд, ҳам довар.

# Хиёнат

Як кадуи калоне,
Як кадуи лағмонӣ
Аз ҳотаи бобо буд,
Дар ҷояке бачо буд.
Як мушаки айёре,
Нафсакаш ҳамчу ғоре,
Ҷои кадуро ёфта,
Даррав онро шикофта,
Бихӯрда мағзу донаш,
Карда ба худ маконаш,
Дар он бача бизодаст,
Кам не, анча бизодаст.
Рӯзе ману додарам
Бо хоҳиши модарам,
Бехабар аз ин бало
Он кадуи калонро
Ҳарду поён овардем,
Зери айвон овардем.
Пеши модар ниҳодем...
Дарвозаро кушодем.
Чун мо ба кӯча рафтем,
То лаби ҷӯча рафтем.
Модарҷонам садо кард,
Садое ӯ ба мо кард :
«Зафар, ин ҷо биё зуд!
Қамар, ту ҳам даро зуд!»

Мо чаппасар давидем,
Пеши модар расидем.
Кадуро пора дидем,
Муши бисёра дидем.
Модар гуфто: « Шитобед!
Даррав пишакро ёбед!»
Мо зуд пишакро кофтем,
Болову такро кофтем.
Ёфта чаққон овардем,
Пеши мушон овардем.
Пишаки чусту чолок
Тухмашонро намуд пок.
Пишак аҷаб пишак шуд,
Варам мисли пуфак шуд.
Ману Қамар хандидем,
Мо чи қадар хандидем!
Модарҷони мо аммо
Оҳе кашиду гуфто:
«Ҳар кӣ чу ин муши шум
Агар ба моли мардум
Кунад чунин хиёнат
Ӯ баъд аз ин хиёнат,
Натанҳо худ ҷонашро,
Ҷони пайвандонашро
Андар хатар мемонад,
Бояд хуб инро донад».

## Нодон

- Ман ду нагирам,
Ӯ ду нагирад,
Бечора ин ду
Бояд бимирад?!

Агар намебуд
Ин ду ки даркор,
Чаро баҳо шуд
Бо панҷу бо чор?!

- Эй ҷӯраҷон, ту
Чаро чунонӣ?!
Бояд баҳо дошт
Ба худ нодонӣ.

Бошад баҳояш,
Ҳамин яку ду,
Донистӣ акнун,
Кӣ будай ту?!

Китобхонаи ... Ҷумҳурии ... ба номи
М. ...
14130

## Микроб

Баҳои ду баҳо не,
Бале, гапам хато не.
Баҳои ду микроб аст,
Оқибаташ азоб аст.

Агар кунад сироят,
Мушкил шавад давоят.
Обрӯят бирезад,
Ҳама аз ту гурезад.

Агар ба худ азизӣ,
Бикӯш, аз ин маризӣ
То ту амон бимонӣ
Дар паноҳи хушхонӣ.

## Тарсу

- Набӣ, тарсидӣ?
Аз чӣ тарсидӣ?
Шаб-ку маҳтобӣ,
Ҳай шаби бобе.

Бо доду фарёд,
Тозонӣ чун бод.
- Э ҷӯра, Ҷаббор,
Дар паси девор

Касе банохост
- Шуд дар барам рост!
- Дидам, Набихон,
- Диди?! Кӣ буд он?
- Э ҷӯраҷон, ӯ
  Буд сояи ту.

## Нафс

Бо таънагӯӣ ғафсам,
Ин ҳама айби нафсам:
Сари дастархон шинам,
Ҳар он чӣ дар он бинам,
Нафсам гӯяд: Баҳодур,
Он ҳамаро гиру хӯр!
Ман мехӯрам як ба як,
Ишкам шавад чун пуфак.
Пас, кай тавонам осон
Аз ҷо хезам, ҷӯраҷон?!..
Агар нафсамро кушам,
Мепарад аз сар ҳушам.

## Сазо

Дидам Амонро
Мехӯрд ангур.
Нигоҳ мекард,
Замонаш аз дур.

Гуфтам Амонро:
О, ин чӣ ҳол аст?!
Танҳо бихӯрдан
Кори вубол аст!

Бигуфто Амон:
«Дина дар ин ҷо
Замон танҳо хӯрд
Анору хурмо».

## Лаванд

- Гуфтӣ, Асо лаванд аст?
Не, не, куҷо лаванд аст!
Бубин, ояд аз адир,
Чолоку чаққон чун тир.
Аз додояш ояд пеш.
Аз акояш ояд пеш.
- Не, не, Асо лаванд аст,
Бигӯ, чаро лаванд аст?!
Саҳар, ки боло равад,
Ӯ бо оҳу во равад.
Ҳоло, ки чаққон ояд,-
Сӯи дастархон ояд.

## Остини момо

Остини момо
Остини дароз.
Дар айни гармо
Бодбезаки соз.

Остини момо
Халтаи пурбор.-
Гаҳ дорад ангур,
Гаҳ себу анор.

Остини момо
Бувад хубу соз.
Остини очам
Кай гардад дароз?

## Фанди живачка

Аз дасту поям
Даҳони ман зер.
Аз ҳар даҳоне
Аз они ман зер.

Осуда бошанд
Шаб дасту поям.
Шаб ҳама шаб ман
Живачка хоям.

Сад офарин бод
Бар ин даҳонам!
Осудааш ман
Як дам намонам.

Ҳар дам даҳонам
Банди живачка.
Беҳад ширин аст
Фанди живачка.

## Танбал

Ё бибиям, ё бобом,
Ё очаам, ё додом.
Ҳар гоҳе ки ба Аброр
Бифармоянд ягон кор,
Оҳу воҳаш физояд,
Аз ӯ нидое ояд:

«Ҳар он коре душвор аст,
Ба гардани ман бор аст?!»
Аз барои танбалон
Ҳаст оё коре осон?!

## Сабаби бехобӣ

- Бишуд вақти хоб,
Ту, ҷонам, Асҳоб,
Чаро нахобӣ?
Магар нотобӣ?

- На, на, бибион,
Машав парешон.
Маро бехобӣ,
На аз бетобӣ.-

Имрӯз дар мактаб,
Дар пушти Машраб
Дар дарси ҳисоб
Кардам хеле хоб.

**АБДУСАТТОРИ РАҲМОН**

# ТАВБА

**(Шеърҳои ҳаҷвӣ)**

Муҳаррири техникӣ Камолов А.
Тарроҳ Ҷӯраева З.

Ба матбаа 15.06.09. супорида шуд. Ба чопаш 10.07.09. имзо шуд.
Андозаи 60x841/16. Коғази офсет. Чопи офсет.
Ҷузъи чопӣ 1,5. Адади нашр 500 нусха.
Супориши № 51/2009

Муассисаи нашриявии «Маориф ва фарҳанг»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. 734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев-17. Тел/факс: 233-93-97
E-mail: najmiddin64@mail.ru

МАОРИФ ВА ФАРҲАНГ
9 789994 758876